*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи «Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пул ва қарз**

Дар замони муосир ташаккул ва рушди низоми пардохт дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ аҳамияти назаррас дорад. Бинобар ин имрӯзҳо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таъмини ташаккул ва рушди низоми пардохт ба миён омадааст. Хусусан, вақте сухан оид ба рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ меравад масъалаи мазкур мубрамии бештар ба худ касб менамояд. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳадти миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мимлакат аз 28.12.2023 низ ба масъалаи мазкур аҳамияти хоса дода шуда, ҷиҳати тақвият бахшидан ба рушди низоми пардохти миллӣ ба институтҳои воколатдори соҳа чунин дастур дода шуд: «Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва дигар вазорату идораҳо дар ду соли минбаъда низоми пардохтҳои ғайринакдиро дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла нуктаҳои савдову хизматрасонӣ пурра ҷорӣ карда, ҳамгирои фаъолиятро дар ин самт таъмин намоянд».

Аз ин лиҳоз, вобаста ба гуфтаҳои боло кори диссертатсионии Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи «Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» мубрам ва замонавӣ буда, натиҷаҳои он аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта метавонад.

Мутолиаи матни автореферати диссертатсия муқарризро ба хулоса овард, ки унвонҷӯй дар назди худ мақсади аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқиқи роҳҳои инкишоф додани асосҳои назариявию методӣ ва дар асоси он коркарди тавсияҳои илмию амалиро оид ба ташаккул ва рушди низоми

пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, ки рушди устувори низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро таъмин менамоянд, гузошта, тавонистааст, ки тавассути иҷрои вазифаҳои дар кори диссертатсионӣ гузошташуда ба он ноил гардад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки идоракунии самараноки низоми пардохти миллӣ ба ташаккул ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёт мусоидат менамояд. Дар ташаккулу азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ дар иқтисоди миллӣ нақши калидиро низоми молиявӣ мебозад. Аз ин нуқтаи назар танзими меъёрию ҳуқуқии низоми пардохт дар раванди амалӣ гардидани рисолати низоми молиявӣ ва сиёсати молиявӣ зарур мегардад. Дар идоракунии низоми пардохти миллӣ ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардашуда, назорату мушоҳидаҳо амалӣ мегарданд ва гардиши пардохтҳо танзим карда мешаванд. Инчунин, ҷамъоварӣ, тақсиму азнавтақсимкунии фондҳои пулии муттамарказу ғайримуттамарказ сурат мегирад, ки самаранокии низоми пардохти миллиро дар фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ нишон медиҳад (саҳ. 9).

Муаллиф дар диссертатсия маъсъалаҳои такмили асосҳои институтсионалии низоми пардохти миллиро дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки дар шароити муосир рақамикунонии иқтисодиёт барои эҷоди модели нави рушди иқтисодӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, ҳавасмандгардонии мубодилаи навъҳои мавҷуда ва рушди навъҳои нави истеҳсолот, таҳкими иқтидори содиротӣ ва қонеъ гардонии талаботи дохилӣ тавассути воридотивазкунӣ зарур аст (саҳ.19)

Албатта, ягон кори илмӣ аз камбуди холӣ нест. Автореферати кори диссертатсионии баррасишаванда низ баъзе норасоиҳоро дорост, аз қабили:

1. Дар кори диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявию методологии рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба таври зарурӣ кушода дода нашудааст.

2. Дар саҳифаи 15-уми автореферат сухан оид ба амалкарди низоми пардохт дар мамлакатҳои хориҷӣ меравад. Хуб мешуд агар ин ҷо муаллиф ҳангоми омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷиро дар умум неву дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор медод ва хулосаборорӣ менамуд.

3. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлогӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Эродҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба баҳои умумии кори илмӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи «**Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт»** ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати чунин корҳо гузошташуда ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пул ва қарз мебошад.

**Муовини ректор оид ба**
**корҳои илм ва инноватсияи**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Ризоқулов Т.Р.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, 735700, шаҳри Хуҷанд, микро-ноҳияи-17, хонаи 1. www. tsulbp.tj; Телефон**:** (+992) 3422 23594 (+992) 92 7777735 **E-mail: t_rizokulov@mail.ru**

Имзои д.и.и., профессор Ризоқулов Тӯрақул Рабимқуловичро тасдиқ менамоям:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Мирпоччоев И.Х.**